## ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович ба диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ**

Раҳимҷон Хушдил соли 2011 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигор бо дипломи аъло хатм намудааст. Ӯ дар илми журналистикаи тоҷик аз аввалин муҳаққиқонест, ки ба мавзуи этикаи касбии журналист рӯй овардааст. Соли 2017 дар мавзуи «Меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун механизми худтанзимнамоӣ дар ҷомеаи журналистии Тоҷикистон» диссертатсияи номзадии худро зери роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент С. Гулов ҳимоя кардааст.

Мавзуи диссертатсияи доктории Раҳимҷон Хушдил дар шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, қарори №02 тасдиқ шудааст.

Раҳимҷон Хушдил давоми солҳои докторантӣ дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика худро ҳамчун муҳаққиқи ояндадор муаррифӣ намуда, раванди таҳқиқро аз рӯйи нақшаи бо машварати мо таҳияшуда ва ҳамзамон, нақшаи корҳои илмии докторант ба роҳ монд ва ба иҷрои пурраи онҳо дар мӯҳлатҳои муайянгардида муваффақ шуд. Аз рӯйи мушоҳидаи мо, Раҳимҷон Х. ба таҳқиқи мавзуъ бо иродаи устувор машғул шуда, дар доираи тавону имкони илмии худ доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърузаҳо кироат намуда, инчунин, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ ба табъ расонид. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таҳқиқи анҷомгирифта маҳсули меҳнати бевоситаи ӯ буда, дар шакли диссертатсияи доктории комил ба анҷом расид.

**Пажуҳиши диссертатсионии Раҳимҷон Хушдил** ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои муҳимми илми журналистикаи муосири тоҷик – раванди ташаккули этикаи касбии журналист, алоқамандии меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқии журналистика, деонтологияи рӯзноманигорӣ рабт дорад.

**Мавзуи диссертатсия** нав буда, дар илми журналистикаи тоҷик дар чунин сатҳу шакл бори аввал мавриди баррасӣ қарор мегирад. Айнbackwardsият аст, ки воситаҳои ахбори омма аз замони пайдоиши худ ва марҳилаҳои ташаккули минбаъда ҳамеша дар ҷамъият мақоми хос доштанд ва муҳиммияти ин нақш дар ҷомеаҳои мухталиф бо тарзҳои гуногун дарк ва таъкид мешуд. Ин нақш ба таҳаввулоти бунёдии расонаҳо низ таъсири ҷиддӣ гузошт ва доир ба моҳият, вазифаҳо ва принсипҳои махсуси фаъолияти воситаҳои ахбори омма мавқеъҳои назариявии гуногун ба вуҷуд омаданд. Дар ин раванд муносибат бо яке аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти касбӣ – меъёрҳои ахлоқи касбии журналист аз масъалаҳои мубрамест, ки ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам дар амалияи касбӣ дар мадди назари муҳаққиқон ва журналистон қарор дошт ва имрӯз низ чунин шеваи бархӯрд идома дорад. Чунин шакли муносибат, яъне дар амалия низ фаъолона баррасӣ гардидани масъалаҳои ахлоқӣ нишони муҳиммияти онҳо дар фаъолияти журналистӣ мебошад ва аҳамияти таҳқиқи ин мавзуъро баёнгар аст. Ҳамчунин, дар замони муосир, ки ташкилу ташаккули ҷомеаҳои демократӣ яке аз муҳимтарин ҳадафҳои аксар давлатҳои сайёра ба шумор меравад, масъалаи меҳварии ин навъи ҷомеаҳо муносибат бо рукни аслии демократия – кафолати озодии сухан мебошад. Табиист, ки вақте сухан доир ба озодӣ меравад, он ҷо ҳатман дар бораи масъулият ва ё бо ибораи дигар, уҳдадорӣ низ бояд ҳарф зад. Ин масъалаи мубрам далели ба вуҷуд омадан ва ташаккул ёфтани меъёрҳои ҳуқуқӣ аст, ки дар журналистикаи тоҷик ҳам чун яке аз масъалаҳои асосии касбӣ мавриди баррасӣ қарор дорад. Аз ин ҷост, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтани мавзуи мазкур чун зарурате дар журналистика дониста мешавад ва аз арзёбиҳои анҷомёфта низ бармеояд, ки чунин ҳам ҳаст. Дар шакли мукаммал – омӯзиши

пайвастаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика низ нишони нав будани мавзуъ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва маърузаҳояш дар конференсияҳои сатҳи гуногун нишон медиҳанд.

Диссертатсия аз муқаддима 5 боб, 10 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳо иборат аст.

Дар муқаддима мувофиқи талабот, мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа, объекту предмет, асосҳои назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ, методҳои таҳқиқ муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Диссертатсия дорои сохтори илмӣ мебошад ва таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайян сурат гирифтааст. Бобу фаслҳои диссертатсия аз нигоҳи интихоби паҳлуҳои гуногуни мавзуъ, муносибати бунёдӣ, тарзи баррасиҳо ва мантиқи таҳлилу натиҷагириҳо ба ҳам алоқаманд буда, шакли нисбатан комили кори диссертатсиониро ташкил додаанд.

Масалан, дар боби якум ҷанбаҳои назариявии меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар фасли якуми он шинохти ин меъёрҳо аз нигоҳи назариявӣ ва дар фасли дуюм зарурат ва аҳамияти меъёрҳои мазкур дар журналистика таҳқиқ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия бевосита раванди ташаккули меъёрҳои этики ва ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷикро дар бар гирифта, дар ду фасли он омилҳои пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ, раванди қабули чунин аснод баррасӣ шудааст.

Боби сеюм ба махсусиятҳои меъёрҳои ахлоқӣ ва таъсири онҳо ба шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Дар боби чорум ба ҷанбаи амалӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби панҷум зуҳуроти деонтологӣ чун идомаи мантиқии пайванди меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар он ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии зуҳуроти деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик таҳқиқ шудааст.

Хулоса ва тавсияҳои докторант характери илмӣ ва амалӣ дошта, донишҳои назариявӣ ва амалиро дар илми рӯзноманигории тоҷик афзуда метавонад. Натиҷаҳои аз рафти таҳқиқ ба дастомада барои таҳқиқи баъзе ҷанбаҳои рӯзноманигории амалии муосири тоҷик, аз ҷумла, сифатноктар намудани фаъолияти воситаҳои ахбори омма, ташаккул додани сатҳи маърифату эҳсоси масъулияти рӯзноманигорон, дарки нозукӣ ва муҳиммии меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳангоми фаъолият ва монанди инҳо мусоидат менамояд.

Маводди диссертатсия ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалӣ доир ба этикаи касбии журналист ва асосҳои ҳуқуқии рӯзноманигорӣ истифода шуданаш мумкин аст.

Хулосаҳои таҳқиқи Раҳимҷон Хушдил мундариҷаи диссертатсияро ифодагар буда, бо маводи зиёли назариявию амалӣ ва далелҳо асоснок карда шудааст. Автореферат ва матолиби доир ба мавзуи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф - **2 монография, 25 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 14** мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Муҳтавои диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **6.2.22. Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд**.

Бо назардошти ин ҳама, диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони

Бо назардошти ин ҳама, диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ кори илмии анҷомёфта меҳисобам ва ҳамчун мушовири илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**МУШОВИРИ ИЛМӢ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи**
**телевизион ва радиошунавонии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Саъдуллоев Ҷ.М.**
09.10.2025 с.
Тел. 008335556
Е-майл: sadulaev1@gmail.com

*Имзои Саъдуллоев Ҷ.М.-ро "тасдиқ мекунам"*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тамос: (+992 37) 2217711, +992 935806444.
10.10.2025 с.